# ЭМОМАЛӢ РАҲМОН - АСОСГУЗОРИ НИЗОМИ ТАҲСИЛИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТӢ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ

***Б. П. Ализода*** *– номзади илмҳои филологӣ, дотсент, сарходими илмии Пажӯҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, Душанбе, кӯч.Саид Носир 33, тел: (+992 37) 228 91 51. E-mail b.p.alizoda63@mail.ru*

Дар мақола масъалаҳои ташаккул ва рушди низоми таҳсили хизматчиёни давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифта, таъкид мешавад, ки омӯзиш маҳаки асосии рушди захираҳои инсонии хизматчиёни давлатӣ ба ҳисоб рафта, дар ин замина ба такмилу таҳкими давлату давлатдории навини миллӣ мусоидат хоҳад кард.

Дар мақола ба ҳайси асосгузор ва ибтикори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккул ва рушди низоми таҳсили хизматчиёни давлатӣ махсус қайд гардидааст.

Ба андешаи муаллиф, дар натиҷаи дастгирии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низоми таҳсили хизматчиёни давлатӣ тадриҷан такмил ёфта, ба стандартҳои ҷаҳонӣ мутобиқ мегардад.

***Вожаҳои калидӣ:*** *замони Истиқлол, ислоҳот, идоракунии давлатӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, низоми таҳсил, таҳсили хизматчиёни давлатӣ, хизматчии давлатӣ, Донишкада, Стандарти давлатии таҳсилот, Фармоиши давлатӣ, тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос, магистратура, бакалавриат, рушди захираҳои инсонӣ, ташаккули ҷавҳари кадрӣ.*

Дар шароити рушди ҷомеа ва ҷаҳонишавӣ масъалаи муҳиме, ки дар назди давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад, тарбияи насли нави хизматчиёни давлатии дорои донишу ҷаҳонбинии муосири ба талаботи ҷаҳони имрӯза ва идоракунии муосири давлатӣ ҷавобгӯ мебошад.

Дар айни замон низоми тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ муҳимтарин масъалаи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, ҳалли он ба зиммаи Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шудааст ва Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон поягузори низоми таҳсили хизматчиёни давлатӣ дар кишварамон мебошад.

Воқеан Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ягонаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар низоми таҳсилоти кишвар мебошад, ки муассиси он Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон

мебошад.

Тавре маълум аст, дар замони Истиқлол то таъсиси собиқ Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишвари мо низоми муайяни таҳсили хизматчиёни давлатии шаҳрвандӣ амал намекард.

Дар замони давлати Шӯравӣ мактабҳои ҳизбӣ дар омӯзиш ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ нақши муҳим доштанд. Дар Тоҷикистон мактаби ҳизбӣ фақат барои такмили ихтисоси кормандони ҳизбӣ ва хизматчиёни давлатӣ фаъолият менамуд. Барои тайёркунии касбии ходимони ҳизбӣ ва дигар категорияҳои хизматчиёни давлатӣ шаҳрвандони Тоҷикистон ба мактабҳои олии ҳизбии ҷумҳуриҳои дигариШӯравӣ фиристода мешуданд.

Дар баробари пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ мактабҳои ҳизбӣ ҳам,тадриҷан мавқеи худро аз даст дода, аз байн рафтанд. Дар аксари давлатҳои пасошӯравӣ дар заминаи собиқ мактабҳои олии ҳизбӣ, институтҳо ва академияҳои хизмати давлатӣ ва ё идоракунии давлатии назди президенти ин кишварҳо таъсис дода шуданд.

Дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта дар Тоҷикистон ҳайати кадрии хизмати давлатӣ аз ҳисоби кадрҳои собиқи ҳизбӣ ва хатмкунандагони мактабҳои олии мухталифи кишвар таъмин карда мешуд. Такмили ихтисос ва азнавтайёркунии хизматчиёни давлатӣ дар замони ҷанги шаҳрвандӣ дар дохили кишвар, тамоман аз байн рафта буд. Ҳамин тавр, дар кишвари мо аз соли 1992 то соли 2003 хизматчиёни давлатӣ дар ягон муассисаи таълимӣ ба бозомӯзӣ ва такмили ихтисос фаро гирифта намешуданд ва тайёркунии касбии хизматчиёни давлатӣ аслан вуҷуд надошт.

Дар баробари ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон(27 июни соли 1997) дар кишвари мо, тадриҷан, сулҳу оштӣ ва якдигарфаҳмӣ ба вуҷуд омада, барои ваҳдати комили мардуми кишвар замина муҳайё гардид, ки асосгузор ва меъмори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Дар натиҷаи татбиқи сиёсати сулҳҷӯёнаву ваҳдатсози Сарвари давлат, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фаъолияти босамари Комиссияи оштии миллӣ дар кишварамон фазои сулҳу оштӣ ва ваҳдати миллӣ ба вуҷуд омада, барои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон заминаи воқеӣ ба амал омад.

Дар натиҷаи сулҳи оштии миллӣ - ин дастоварди бузурги сиёсӣ, ки назирашро таърихи аҳли башар надида буд, дар Тоҷикистон барои рушди институти хизмати давлатӣ, ки яке аз нерӯҳои пешбарандаи давлат ва ҷомеаи Тоҷикистон мебошад, тадбирҳои мушаххас андешида шуданд. Аз ҷумла, соли 1998 бори аввал дар таърихи Тоҷикистони навин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»[1] қабул гардид. Қонуни мазкур барои рушди минбаъдаи хизмати давлатӣ замина гузошт.

[1]Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 13 ноябри соли 1998 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1998,№11.С. 13-26.

Дар асоси қонуни мазкур соли 2001 дар Тоҷикистон мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ – Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ёфта, ба фаъолият оғоз кард.

Аммо барои рушди минбаъдаи соҳаи хизмати давлатӣ, ташаккули ҷавҳари кадрии ин соҳаи муҳим зарур буд. Дар навбати худ, ташкили низоми таҳсили хизматчиёни давлатӣ маҳаки асосии рушди захираҳои инсонии хизматчиёни давлатӣ ба ҳисоб рафта, дар ин замина ба такмилу таҳкими давлату давлатдории навини миллӣ мусоидат мекард.

Вобаста ба зарурати бамиёномадаи таҳсили хизматчиёни давлатӣ бо дарки масъулияти баланди рушди минбаъдаи иҷтимоию иқтисодӣ ва давлату давлатдории миллӣ барои ташкили низоми таҳсили хизматчиёни давлатӣ тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон[2] аз 9 октябри соли 2002 дар назди Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Ҳамзамон, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2003 Стандарти давлатии таҳсилоти иловагии касбии хизматчиёни давлатӣ ҳамчун заминаи асосии амалисозии ин шакли фаъолият қабул гардид.

Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмири пурраи бино ва ташкили заминаҳои моддию техникӣ ва таълимӣ-методии Донишкада маблағи зарурӣ ҷудо гардид. Дар натиҷаи дастгириҳои пайвастаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бинои Донишкада пурра таъмир гардида, тамоми шароитҳо барои оғози таҳсили хизматчиёни давлатӣ фароҳам оварда шуд.

Фаъолияти Донишкада дар асоси дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тибқи «Фармоиши давлатии азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ дар Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва Нақшаи кори Донишкада ба роҳ монда шуд.

Дар Донишкада олимон ва мутахассисони ботаҷриба, аз ҷумла профессорон, докторони илм, дотсентҳо ва омӯзгорон оид ба соҳаҳои идоракунии давлатӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқ, илмҳои иҷтимоӣ - гуманитарӣ, иқтисодӣ, молиявӣ, табиӣ ва техникӣ фаъолият доранд.

Барои гузаронидани машғулиятҳо, инчунин олимони намоён ва мутахассисони баландихтисоси дигар муассисаҳои таҳсилотӣ олӣ, марказҳои илмию таҳқиқотии мамлакат ва кормандони роҳбарикунандаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҷалб карда мешаванд.

Донишкада заминаи ҳозиразамони таълимию методӣ ва моддию техникӣ дар ихтиёр дорад. Китобхонаи муҷаҳҳаз бо мавод ва адабиёти таълимию илмӣ, синфхонаҳо ва толорҳои бо воситаҳои техникии замонавии таълимӣ ва таҷҳизоти

[2]Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таъсиси Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон №926 аз 9 октябри соли 2002.

аудио-видеоӣ таъминбуда дар ихтиёри донишҷӯён, магистрантҳо ва шунавандагони курсҳои такмили ихтисос қарор доранд.

Хизматчиёни давлатӣ имконият доранд, ки дониш ва маҳорати худро оид ба фарҳанги муошират корӣ такмил диҳанд, тарзҳои кору рафторро дар вазъияти муқаррарӣ ва фавқулодда аз бар кунанд, технологияҳои муосири иттилоотию компютериро аз худ намоянд ва такмил диҳанд, оид ба самтҳои гуногуни фаъолияти маъмурию идоракунӣ аз тайёрии махсус гузаранд.

Дар сенздаҳ соли фаъолият Донишкада дорои заминаҳои муосири моддию техникӣ, таълимӣ ва иқтидори зарурии зеҳнӣ гардида, дар кори амалисозии тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ саҳми муайян гузоштааст. Қобили зикр аст, ки сол то сол шумораи донишҷӯён, магистрантҳо ва хизматчиёни давлатие, ки ба курсҳои такмили ихтисос фаро гирифта мешаванд, афзоиш меёбад.

То соли 2010 тибқи дастури Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳои таълимӣ тасдиқ ва машғулиятҳо дар Донишкада амалӣ карда мешуданд. Соли 2007 тибқиислоҳоти хизмати давлатӣ ва тағйирот ба қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" дар моддаи 19 муқаррар карда шуд, ки тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ дар асоси Фармоиши давлатӣ, инчунин талаботи мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад. Ҳамзамон муқаррар карда шуд, ки Фармоиши давлатӣ оид ба тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва тасдиқ карда мешавад. Бо назардошти ин, Қоидаҳои таҳия ва амалӣ намудани фармоиши давлатӣ оид ба тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида,бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии тасдиқ шудааст[3].

Барномаҳои таҳсилотии касбӣ, нақшаҳои таълимӣ ва таълимӣ – мавзӯӣ, шаклҳо ва мундариҷаи таҳсилот, таъминоти таълимӣ–методӣ, илмӣ - тадқиқотӣ, моддӣ–техникӣ ҷавобгӯй ба талаботи стандартҳои давлатии таҳсилоти муосири толибилмон мебошанд.

Дар баробари дастовардҳо дар низоми тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ раванди босуръати ҷаҳонишавӣ, истифодаи технологияҳои навтарин дар идоракунии давлатӣ тақозо мекард, ки низоми таълиму тарбия ва усули тайёр намудани хизматчиёни давлатӣ ба шароит ва талаботи муосир мувофиқ гардонда шавад. Зеро муваффақиятҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ҳар як

[3] Қоидаҳои таҳия ва амалӣ намудани фармоиши давлатӣ оид ба тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон// Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июни соли 2011 № 266 тасдиқ шудааст.

миллат аз сатҳи маърифати хизматчиёни давлатӣ, мутахассисонва фаъолияти бонизоми идоракунии давлатӣ дар ин раванд вобастагии амиқ дорад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ ва кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил собит месозад, ки барои баланд бардоштани нерӯи зеҳнию ақлонӣ ва инкишофи захираҳои инсонии хизматчиёни давлатӣ танҳо ташкили курсҳои такмили ихтисос ва азнавтайёркунӣ дар заминаи Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ кифоя нест.

Бо назардошти ин ва ҷиҳати ба талаботи имрӯза мутобиқ гардонидани самаранокии идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ, тайёр кардани кадрҳои соҳибихтисос, баланд бардоштани нерӯи зеҳнию ақлонӣ, инкишофи сармояи инсонӣ ва захираҳои инсонӣ дар хизмати давлатӣ, тарбияи кадрҳои нав барои ин самти бисёр муҳими давлатдорӣ, ки дар маҷмӯъ ба рушди соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоӣ, таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳамкории пайвастаи давлат ва ҷомеа мусоидат менамоянд, зарурати боло бардоштани мақом ва мавқеи Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омада буд.

Бо назардошти зарурати бамиёномада Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон[4] аз 26 августи соли 2013 дар заминаи Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст.

Донишкада тайёркунии касбиро дар шакли бакалавриат ва магистратура (дар шаклҳои рӯзона, ғоибона ва таҳсилоти дуюм) ба роҳ мондааст.

Самтҳои асосии фаъолияти Донишкада: - фаъолияти таълимӣ ва таълимию методӣ, илмию таҳқиқотӣ, иттилоотию таҳлилӣ, -таҳририю интишоротӣ, - молиявию хоҷагидорӣ, ва робитаҳои байналмилалӣ мебошанд.

Таҳсил дар низоми хизмати давлатии шаҳрвандӣ омили асосии ташаккулдиҳандаи маҳорату малака ва тарбияи касбии кадрҳо арзёбӣ мегардад. Тибқи талаботи қонунгузории хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2009 дар асоси Стандарти иловагии таҳсилоти хизматчиёни давлатӣ бояд хизматчиёни давлатӣ дар 5 сол як маротиба ба таҳсил, аз ҷумла такмили ихтисос фаро гирифта мешуданд. Ин раванд баъди ислоҳоти соҳа ва ворид намудани тағйирот ба заминаҳои ҳуқуқии таҳсили хизматчиёни давлатӣ такмил ёфта, бо дарназардошти равандҳои ҷаҳони тағйирёбанда таҷдиду такмили донишҳои назариявии онҳо дар се сол як маротиба муқаррар карда шуд. Дар заминаҳои ҳуқуқӣ муқаррар шудааст, ки таҳсили хизматчиёни давлатӣ яке аз ҳуқуқҳои хизматчии давлатӣ буда, дар соли аввали ба хизмати давлатӣ ворид шудан ба такмили ихтисос фаро

[4]Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи таъсиси Муассисаи давлатии таълимии “Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 26 августи соли 2013 №1502.

гирифта шуда, даври навбатии ба таҳсил фаро гирифтан баъди се соли фаъолият фаро мерасад.

Моҳи майи соли 2004 аввалин курсҳои сайёр ва моҳи декабри ҳамон сол курсҳои такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ дар заминаи Донишкада оғоз гардиданд. Ҳамин тавр, бо ташаббус ва ҳидоятҳои асосгузор ва меъмори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон марҳила ба марҳила ба таҳсил фаро гирифтани шунавандагон такмил ёфта, дар заминаи таҷрибаи ҷаҳонӣ ва ватанӣ низоми муназзами омӯзиши хизматчиёни давлатӣ ба роҳ монда шуд.

Таҳлили тамоюли афзоиши теъдоди курсҳо аз марҳилаи оғози фаъолияти Донишкада соли 2004 то соли 2015 чунин мебошад:

Соли 2004 курсҳои такмили ихтисос дар Донишкада оғоз гардида, аввалин курси серӯзаи сайёр дар мавзӯи «Идоракунии давлатӣ» дар ноҳияи Файзобод аз 26-уми май то 28 уми май ва нахустин курс дар заминаи Донишкада барои роҳбарони хадамоти кадрии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия дар мавзӯи «Идоракунии ҳайат» аз 21-уми декабри соли 2004 то 4 январи соли 2005 доир гардиданд.

Донишкада аз соли 2005 раванди таҳсилро аз рӯйи 14 курси такмили ихтисос ба роҳ монд. Курси асосии ба шунавандагон пешниҳодшуда аз рӯи барномаи «Асосҳои ҳуқуқии хизмати давлатӣ» буда, вазифаи он шинос кардани шунавандагон бо асосҳои ҳуқуқӣ, мафҳум ва моҳияти хизмати давлатӣ ҳисоб мешуд. Соли 2005 дар маҷмуъ 556 нафар хизматчиёни давлатӣ ба таҳсил фаро гирифта шуданд.

Соли 2006 дар маҷмуъ 19 курс дар заминаи Донишкада ва 8 курсҳои сайёр гузаронида шуда, 720 хизматчии давлатӣ ба омӯзиш фаро гирифта шуд.

Соли 2007 бори аввал дар таърихи Донишкада курси якмоҳа барои сардорони департамент ва идораҳои молияи вилоят, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ аз рӯйи барномаи «Сиёсати давлатии молиявӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ дар Тоҷикистон ва татбиқи он дар мақомоти маҳаллӣ» баргузор гардид ва ин сол 816 нафар хизматчиёни давлатӣ аз курсҳои такмили ихтисос гузаштанд.

Соли 2008 аз тарафи Донишкада 22 курси такмили ихтисос гузаронида шуд.Бо дар назардошти семинарҳо дар доираи лоиҳаҳо дар маҷмуъ 1507 нафар хизматчиёни давлатӣ дар курсҳои такмили ихтисос таҳсил намуданд.

Аз моҳи январи соли 2009 Донишкада фаъолияти хешро дар самти ташкил ва гузаронидани курсҳои азнавтайёркунии касбӣ аз рӯйи барномаи «Асосҳои ҳуқуқии хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар доираи 138 соат оғоз

намуд ва ҳар сол дар он хизматчиёни давлатии нав ба хизмати давлатӣ қабулшуда ҷалб карда мешаванд.

Моҳи апрели соли 2009 аввалин маротиба дар заминаи Донишкада курси такмили ихтисос барои раисони шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ аз рӯйи барномаи махсуси «Идоракунии давлатӣ дар шароити муосир» баргузор гардид. Дар инкурс раисони 23 шаҳру ноҳия донишу маҳорати касбии худро такмил доданд. Ҳамин тавр, соли 2009 бо назардошти семинарҳо дар доираи лоиҳаҳо дар маҷмуъ 1638 нафар хизматчиёни давлатӣ ба курсҳои азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисос фаро гирифта шуданд.

Соли 2010 дар курсҳои Донишкада бо дарназардошти семинарҳои дар доираи лоиҳаҳо доиргардида, дар маҷмуъ 1749 нафар хизматчиёни давлатӣ аз курсҳои азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисос гузаштанд.

Соли 2011 бошад, дар асоси фармоиши давлатӣ дар заминаи Донишкада ва курсҳои сайёр, ҳамчунин семинарҳо1521 нафар хизматчиёни давлатӣ таҳсил намуда, соҳиби шаҳодатнома ва гувоҳнома гардиданд.

Соли 2012 дар Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ таҳсили хизматчиёни давлатӣ тибқи фармоиши давлатӣ амалӣ гардида, дар асоси он як курси азнавтайёркунӣ ва 29 курси такмили ихтисос гузаронида шуд, ки дар онҳо 1277 нафар (464 нафар бонувон) шунавандагон иштирок намуда, шаҳодатнома ва гувоҳнома гирифтанд.

Соли 2013 дар асоси Нақша-ҷадвали курсҳои азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ барои соли 2013 дармаҷмуъ 1 курси азнавтайёркунӣ ва 33 курси такмили ихтисос ва 6хониши идоравӣ гузаронида шуданд, ки дар онҳо 1680 нафаршунавандагон(429нафар бонувон, 1251 нафар мард) иштирок намуда, соҳиби шаҳодатнома ва гувоҳнома гардиданд.

Соли 2014 дар асоси Нақша-ҷадвали курсҳои азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ барои соли 2014 дар маҷмуъ 1 курси азнавтайёркунӣ, 30 курси такмили ихтисос ва 15 семинар- тренингҳо гузаронида шуданд, ки дар онҳо 1589 нафаршунавандагон(485нафар бонувон, 1104 нафар мард) иштирок намуда, соҳиби шаҳодатнома ва гувоҳнома гардиданд.

Донишкада дар давраи фаъолият тадриҷан дорои заминаҳои муосири моддию техникӣ, таълимӣ ва иқтидори зарурии зеҳнӣ гардида, дар кори роҳандозии азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ саҳми муайян гузоштааст. Қобили зикр аст, ки сол то сол шумораи хизматчиёни давлатие, ки ба курсҳои такмили ихтисос фаро гирифта мешаванд, афзоиш меёбад. Агарсоли 2004 445 хизматчии давлатӣдар курсҳои гуногуни такмили ихтисоси Донишкада фаро гирифта шуда бошанд, пас соли 2013 ин рақам ба 1680 нафар расидааст.

Дар маҷмуъ аз оғози фаъолият, яъне аз соли 2004 то имрӯз дар Донишкада **15 850** нафар хизматчиёни давлатии мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот донишу малакаи худро такмил доданд. Сол ба сол сафи ҳайати устодону омӯзгорони Донишкада афзуда, донишмандони унвондор - профессорону дотсентон, тадриҷан, зиёд гардида, дар раванди таълим мутахассисон аз мақомоти давлатӣ ва устодону омӯзгорон аз макотиби олии дигар низ ҷалб карда шуданд.

**Таҳсил дар магистратура.** Дар Донишкада соли ҳафтум аст, ки бо мувофиқаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон магистратура аз рӯйи ихтисоси “Идоракунии давлатӣ” дар собиқ Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ, ки бо ташаббус ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз 26 августи соли 2013 ба Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон табдил дода шудааст, фаъолият дорад.

Магистратураи Донишкада фаъолияташро дар асоси Созишномаи ҳамкорӣ бо Бунёди Ҳаннс Зайдели Ҷумҳурии Федеративии Олмон оид ба тайёр намудани магистрҳо аз рӯи ихтисоси «Идоракунии давлатӣ» ба роҳ мондааст.

Ҳадафи асосии таъсиси магистратура пеш аз ҳама омода намудани мутахассисони баландпояи касбӣ дар соҳаи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ мебошад, ки имрӯз кишвари мо воқеан ба чунин мутахассисон ниёзи бештар дорад, зеро аз идоракуниии самараноки мақомоти давлатӣ таъмини болоравии сатҳи зиндагии аҳолӣ вобастагии калон дорад. Аз ин рӯ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба тайёр намудани кадрҳои соҳибкасби соҳаи хизмати давлатӣ диққати махсус медиҳад, ки таъсиси чунин як ниҳод худ шоҳиди возеҳи гуфтаҳои болост.

Дар шаш соли фаъолият магистратураи Донишкада 365 нафар хизматчии давлатиро ба таҳсил фаро гирифтааст, ки аз ин шумора 128 нафарашонро занону духтарон ташкил медиҳанд. Ҳангоми қабул ба магистратура ба мақсади баланд бардоштани сатҳу сифати идоракунӣ дар мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз ин сохторҳо бештар магистрантҳо ба таҳсил фаро гирифта мешавад.

Натиҷаи мониторинг нишон дод, ки қариб 40%-и хатмкардагони магистратура ба болоравии мансабӣ ноил гардидаанд. Дар айни замон 4 нафар хатмкардаи магистратура дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ то ба сатҳи муовини раисони шаҳр ва ноҳия(Истаравшан, Варзоб, Мурғоб ва Хуросон) расидаанд.

Соли чорум аст, ки Донишкада бо дастгирии молиявии Бунёди Ҳаннс Зайдели Олмон дар асоси Созишномаи ҳамкорӣ бо Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба тайёр намудани магистрҳо дар шаҳри Остона аз рӯйи ихтисоси «Идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ» ҳамкориҳои судмандро ба роҳ мондааст.

Аз рӯйи ихтисоси номбурда то имрӯз ҳафт нафар аз мақомоти марказии ҳокимияти давлатии Тоҷикистон дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон ба таҳсил фаро гирифта шуда, баъди хатми таҳсил ба кишварамон баргаштанд ва фаъолияти касбиро идома медиҳанд. Дар айни замон чор нафар дар Академияи мазкур аз рӯйи ихтисоси «Идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ» таҳсил мекунанд.

Илова ба ин, роҳбарияти Донишкада оид ба ҳавасмандгардонии магистрантҳо низ чораҷӯӣ менамояд. Соли панҷум аст, ки бо дастгирии молиявии Бунёди Ҳаннс Зайдел се нафар магистроне, ки дар магистратура бо баҳои аъло таҳсил намудаанд, барои такмили ихтисос ба Мактаби олии махсусгардонидашудаи идоракунии давлатӣ ва адолати судии Баварияи Ҷумҳурии Федеративии Олмон ба муҳлати 10 рӯз фиристода мешаванд, ки дар чор соли охир 15 нафар аз ин имконият истифода намуданд.

Ҳамин тавр, раванди таҳсил дар магистратура бо ихтисоси «Идоракунии давлатӣ» ҳар сол дар моҳи декабр ба охир расида бештар аз 60 нафар хатмкардагон бо унвони магистр барои идомаи фаъолият ба мақомоти давлатӣ фиристода мешаванд.

Дар маҷмуъ то имрӯз дар магистратураи Донишкада 365 нафар таҳсил карда, соҳиби диплом ва унвони магистр гардиданд ва барои идомаи фаъолияти касбӣ ба мақомоти давлатӣ фиристода шуданд.

Дар соли 2015 дар таърихи Донишкада боз як марҳилаи нав оғоз гардид. Бори аввал дар ҷумҳурӣ магистратура бо ихтисоси “Амнияти иттилоотӣ” кушода шуд.

Ҳамзамон дар соли 2015 бо назардошти эҳтиёҷоти мақомоти давлатӣ бо кадрҳои соҳибкасб бори аввал маълумоти дуюм аз рӯйи ихтисосҳои “Идоракунии давлатӣ” ба роҳ монда шуд.

**Таҳсил дар бакалавриати Донишкада.** Дар шароити ҳозира дастовардҳои илмӣ ва технологияҳои истеҳсолӣ бо суръати баланд тағйир меёбанд. Ин раванд тақозо менамояд, ки тарзу усулҳои идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ ба ин дигаргуниҳо созгор бошанд.

Бо дар назардошти ин, дар Донишкада барномаҳои таҳсилоти касбӣ, нақшаҳои таълимӣ ва таълимӣ – мавзӯӣ, шаклҳо ва мундариҷаи таҳсилот, таъминоти таълимӣ–методӣ, илмӣ - таҳқиқотӣ, моддӣ–техникӣ ҷавобгӯ ба талаботи стандартҳои давлатии таҳсилоти муосири хизматчиёни давлатӣ таҳия гардидаанд.

Дар асоси Нақшаҳои таълимӣ, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст, Донишкада тайёркунии касбиро дар шакли бакалавриат  дар факултетҳои идоракунии давлатӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ аз рӯйи ихтисосҳои идоракунии давлатӣ, идоракунии давлатии иқтисодиёт, идоракунии ҳайат ва ихтсоси муносибатҳои байналмилалӣ (дар шаклҳои рӯзона, ғоибона  ва таҳсилоти дуюм) ба роҳ мондааст.

Дар моҳи ноябри соли 2013 дар натиҷаи тағйир ёфтани ном ва мақоми Донишкада имтиҳони қабули аввалин довталабон доир гардида, 82 нафар довталабон  ба номи донишҷӯ мушарраф гардиданд.
То оғози таҳсил раванди омодагӣ ба таҳсили донишҷӯён идома дошт. Дар ин марҳила дар баробари омӯзгорони Донишкада бо сабаби нарасидани омӯзгорони дохилӣ мутахассисон аз макотиби таҳсилоти олии дигари кишвар барои фаъолияти омӯзгорӣ даъват шудаанд.

Аз 7 январи соли 2014 дар таърихи Донишкада марҳилаи нав оғоз гардид. Дар факултетҳои идоракунии давлатӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ таҳсил дар бакалавриат оғоз гардид.

Тавре ки маълум аст, дар кишварамон  соли 2014 имтиҳоноти давталабон ба мактабҳои олӣ ба тариқи Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонба роҳ монда шуд, ки яке аз дастовардҳои ташкили низоми инноватсионии таҳсил дар замони истиқлол мебошад.  Дар натиҷа рӯзи 1 сентябри соли 2014 дар асоси имтиҳоноти марказонидашуда дохилшавӣ ва тақсимоти Маркази миллии тестӣ 228 нафар ба номи донишҷӯ сазовор гардида, соли дуюми  таҳсили донишҷӯён дар Донишкада  оғоз гардид.

Дар маҷмӯъ дар Донишкада  509 нафар донишҷӯ, 87 нафар магистрант ва 50 нафар барои гирифтани маълумоти дуюм ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Ҳамзамон тибқи Нақша-ҷадвали азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ, ки ҳар сол таҳия ва тасдиқ карда мешавад, мунтазам аз 50 то 70 нафар хизматчиёни давлатӣ ва дар давоми сол 1300 - 1400 нафар хизматяиёни давлатӣ ба курсҳои азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзӣ фаро гирифта мешаванд.

Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти  Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои заминаи ҳозиразамони таълимию методӣ ва моддию техникӣ мебошад. Китобхонаи муҷаҳҳаз бо мавод ва адабиёти таълимию илмӣ, синфхона ва толорҳои бо воситаҳои техникии замонавии таълимӣ ва таҷҳизоти аудио-видеоӣ таъмингашта дар ихтиёри донишҷӯён, магистрантҳо ва шунавандагон мебошанд.  Дар айни замон сохтмони бинои нави 12 ошёнаи  замонавии ҷавобгӯ ба стандарти ҷаҳонии  Донишкада идома дорад, ки  баъди анҷоми корҳои сохтмонӣ ба истифода дода мешавад.

Ҳайати профессорону омӯзгорони Донишкада таҷрибаи хуби илмӣ-педагогӣ дошта, бо тайёрии махсуси амалияи фаъолияти ташкилӣ, таълимӣ-илмӣ ва маъмурӣ-идоракунӣ мусаллаҳ мебошандю

Донишкада ҳадафи асосии худро дар он мебинад, ки омӯзиши инноватсионии хизматчиёни давлатиро ба роҳ монда, хизматрасонии таҳсилотиро дар сатҳи талаботи байналмилалӣ амалӣ созад.

Донишкада бо дастгирии ҳамешагии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон минбаъд низ фаъолияти таълимию илмии худро дар самти тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва баланд бардоштани савияи дониши хизматчиёни давлатӣ равона мегардонад. Дар ин самт ҷорӣ намудани технологияҳои муосири таълим, баланд бардоштани самаранокии он, мутобиқ намудани барномаҳои таълимӣ бо талаботи рӯз, таҳкими иқтидори Донишкадаро дар маркази фаъолияти худ қарор медиад.

Таъминоти илмии таълим шарти муҳими амалишавии ислоҳоти низоми таҳсилот аст. Фароҳам овардани заминаи илмию методӣ имконият медиҳад, ки барои ба фарҳанги идоракунӣ воридсозии фазои эҷодӣ шароит муҳайё намуда, ба хизматчиёни давлатӣ барои баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ, таъсири мусбат расонад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳарчанд дар баробари фаъолияти низоми такмили ихтисос ва азнавтайёркунии касбии хизматчиёни давлатӣ дар заминаи Донишкада магистратура аз рӯйи ихтисоси «Идоракунии давлатӣ» ташкил ва амал намояд ҳам, ҳанӯз низом ва инфрасохтори тайёркунии мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ ҳампоя ба таҷрибаи ҷаҳонӣ нест. Дар айни замон, дар ҳамаи давлатҳои пасошӯравӣ аз ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта Академияҳои идоракунии давлатӣ ё хизмати давлатӣ ташкил ёфта, фаъолият менамоянд. Дар Тоҷикистони мо вобаста ба вазъи мураккаби сиёсиии солҳои 90-уми асри XX ин масъалаи муҳим ба таъхир монд.

Имрӯз вақти он расидааст, ки дар заминаи Донишкада Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шавад, ки ба иҷрои ин вазифаҳои нави инноватсионӣ, яъне ба стандарти ҷаҳонӣ мутобиқ гардонидани низоми тайёркунии касбию таҳсили хизматчиёни давлатӣ, анҷом додани таҳқиқоти бунёдӣ ҷиҳати такмили низоми идоракунӣ ва соҳаи хизмати давлатӣ ва гузоришҳои таҳлилӣ оид ба самти мазкур қодир бошад.

Ҳамин тариқ, яке аз вазифаҳои асосии марҳилаи ҳозираи рушди соҳаи хизмати давлатӣ ташаккули низоми муназзами таълими хизматчиёни давлатӣ бо инфрасохтори пешрафта, идоракунии самарабахш ва таъминоти захиравие мебошад, ки битавонад ҳам барои зинаи олии идоракунӣ кадрҳои баландихтисос тайёр намояд ва ҳам азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои зинаи поёнӣ ва миёнаи идоракунии давлатиро амалӣ намояд. Таълими хизматчиёни давлатӣ бояд ба таъмини эҳтиёҷоти хизмати давлатӣ ва пеш аз ҳама талаботи тахассусӣ нисбат ба мансабҳои хизмати давлатӣ нигаронида шавад.

Бо назардошти андешаҳои зикргардида мо бо итминони комил гуфта метавонем, бо дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат,

Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки поягузори низоми таҳсили хизматчиёни давлатии кишвар мебошанд, дарояндаи наздик вазифаи таъхирнопазири марҳилаи ҳозираиислоҳоти соҳаи хизмати давлатӣ-таъсиси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалли худро меёбад ва тайёркунии касбӣ ва таҳсили хизматчиёни давлатӣ ба сатҳи стандартҳои ҷаҳонии омӯзиши хизматчиёни давлатӣ баробар карда мешавад, ки ин дар маҷмӯъ рушди иҷтимоӣ-иктисодии кишвар ва таҳкими давлату давлатдории навини Тоҷикистони соҳибистиқлол мусоидат хоҳад кард.

## Адабиёт:

### I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатӣ


1. Барномаи ислоҳоти хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007 – 2010, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2007 № 448 тасдиқ шудааст.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2007, №3.
3. Барномаи татбиқи Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонбарои солҳои 2009 – 2016, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2009 № 252 тасдиқ шудааст.
4. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи таъсиси Муассисаи давлатии таълимии “Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 26 августи соли 2013 №1502.


### II. Адабиёти илмӣ :


1. Қосимов Г.Ҷ., Нуриддинов Ҳ., Искандаров Қ., Ализода Б.П. Хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: “Офсет” 2012, - 168с.
2. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ». Душанбе, 2010.- 167с.
3. Коргузорӣ дар мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот: навъ ва шаклҳои ҳуҷҷатҳо. Душанбе , 2010.- 248с.
4. Фарҳанги истилоҳоти хизмати давлатӣ. Душанбе, 2015.-254с.